## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи «Тадқиқи услубҳо ва воситаҳои такмили идоракунӣ дар системаҳои осебпазири иҷтимоию иқтисодӣ (дар мисоли минтақаи ҷануби сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 05.13.10 - Идоракунии корхонаҳо, системаҳо, комплексҳо**

Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович соли 2004 Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Соли 2017 ба ҳайси ходими хурди илмии Шӯъбаи таҳқиқоти институсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба кор омодааст ва дар бахши тадқиқоти минтақавии он давоми панҷ соли охир фаъолият кардааст.

Тадқиқот дар Шӯъбаи таҳқиқоти институсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдода шудааст ва дар диссертатсияи Сафаров А.М. аз назари илмӣ коркард карда шудааст, ки он дар ду самти асосӣ роҳандозӣ карда шудааст: (1) тадқиқи услубҳои идоракунӣ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ ва (2) тадқиқи услубҳои идоракунӣ бо истифода аз механизми Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. Дар натиҷаи тадқиқи фарзияи илмӣ навгонии илмии бадастомада пешниҳодоти такмили механизми институтсионалӣ ва инноватсионии баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мебошад.

Сафаров А.М. ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёни хориҷию ватанӣ, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд нишон додааст. Дар раванди тадқиқот унвонҷӯ ҷиҳати муаррифӣ намудан ва баррасии имконоти истифодаи таҷриба ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти илмии бадастомада дар 3 конфронсҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ҷабҳаҳои асосии рисолаи худро муаррифӣ намудааст. Корҳои илмии дар доираи масъалаҳои тадқиқ дар мавзӯи ба диссертатсия вобастабуда 8 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 4 тоаш ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат дорад, нашр карда шудаанд. Ҳамчунин, Сафаров А.М. чун муаллиф дар таҳияи як монографияи илмӣ дар мавзӯи «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли инноватсионии ҳалли мушкилоти минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ (аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ)» иштирок кардааст.

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, 7 параграф иборат аст. Боби авввал ба масъалаҳои «Асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши проблемаҳои идоракунӣ дар системаҳои осебпазири иҷтимоию иқтисодӣ», боби дуюм «Асосҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ дар системаҳои осебпазири минтақаҳои ҷануби сарҳадии Тоҷикистон», боби сеюм «Роҳҳои асосии такмили идоракунии системам иҷтимоию иқтисодӣ» бахшида шудааст.

Навгонии бадастомада пурра аз кори диссертатсионии анҷомдодашуда бармеояд ва хулосаю натиҷаҳои илмии ҷамъбасти илмию назариявӣ ва татбиқи амалии он мебошад.

Сохтор ва мундариҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ ифодагарӣ аз нигоҳи илмӣ камол ёфтани унвонҷӯ шаҳодат медиҳад ва Сафаров А.М. метавонад дар тадқиқотҳои ҷиддии илмию назариявӣ ва амалии ҳалли масъалаю мушкилоти иқтисодӣ, такмил ва истифодаи механизмҳои иннноватсионии идоракунии иқтисодӣ иштирок намояд.

Дар хотима, бояд кайд намоям, ки кори диссертатсионии Сафаров А.М. кори илмии мустақил ва тадқиқоти илмии анҷомёфта аст, дорои навоварии амиқи илмӣ ва аҳамияти амалӣ мебошад аст. Бинобар ин, диссертатсияи манзургашта ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯи ихтисоси 05.13.10 – «Идоракунии корхонаҳо, системаҳо, комплексҳо» ҷавобгӯ мебошад ва ба андешаи мо, қобили дастгирӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
ходими пешбари илмии шуъбаи
тадқиқоти институтсионалии Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, н.и.и. Алимов А.Л.

Имзои н.и.и., ходими пешбари илмии Шӯъбаи тадқиқоти институтсионалии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Алимов А.Л.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳо Э.Қурбонов